***Иштироки Шаҳлои Абдуализодаи Тоҳириён-сардори раёсати ташхис ва тақризи адабиёти таълимии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои филология дар барномаи "Минбари андеша"-и Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина»***

Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ҷиҳати рушду ташаккули самтҳои гуногуни соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти самаранок дорад. Аз ҷумла, санаи 09.04.2023, соати 18.00 дар барномаи "Минбари андеша" - и Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» ходими илмии ПРМ, сардори раёсати ташхис ва тақризи адабиёти таълимӣ, номзади илмҳои филология Шаҳлои Абдуализодаи Тоҳириён иштирок намуд. Мавсуф оид ба масъалаи нақши муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ дар ташаккули ҳисси ватандӯстии наврасон ва ҷавонон ибрози андеша намуда, қайд намуд, ки дар ин самт низ фаъолияти кормандони ПРМ назаррас ва самарабахш аст. Масалан, дастурамалҳои илиӣ - методӣ дар бораи ташкили истироҳати тобистонаи хонандагон, кор бо хонандагони эҷодкор ва техникҳои наврас таҳия гардидаанд. Инчунин, дар раванди кор бо омодасозии кадрҳои илмӣ мазуъҳои таҳқиқотӣ ҷиҳати омӯзиши паҳлӯҳои гуногуни таҳсилоти иловагӣ интихоб мегарданд ва дар ПРМ Шурои диссертатсионӣ оид ба ихтисосҳоии иҷтимоӣ фаъолият мекунад, ки бевосита ба масъалаи мазкур алоқаманд аст.

Қайд намудан бамаврид аст, ки ПРМ АТТ ҷиҳати мукаммал гардонидани адабиёти таълимӣ дар ин самт низ пайваста чораандешӣ менамояд.




МИНБАРИ
АНДЕША


МИНБАРИ
АНДЕША


МИНБАРИ
АНДЕША